Иқтибос аз протоколи №21

Ҷаласаи Шуъбаи масоили назарявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

17 декабри соли 2024 ш. Душанбе

**Иштирок дошт:**

Мудири шуъба:д.и.ҳ., дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ., сарходими илмӣ д.и.ҳ., профессор Шарофзода Р.Ш., н.и.ҳ., дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Куканов А.З., д.и.ҳ., дотсент Нематов А.Р., ходимони пешбари илмӣ д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.А., н.и.ҳ. Қодирзода Т.Қ., ходими калони илмӣ д.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Ш., ходими хурди илмӣ Абдуразоқов К.Б., лаборанти калони шуъба Нуриева В.М.

**Рӯзномаи маҷлис:**

4. Муҳокимаи рисолаи докторанти PhD Ҳасанова Шаҳноза Музафараровна таҳти унвони «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).

Доир ба масъалаи чоруми рӯзнома мудири шуъба д.и.ҳ. Бобоҷонзода И.Ҳ. баромад намуда, қайд кард, ки ба шуъба диссертатсияи Ҳасанова Шаҳноза Музафаровна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – дар мавзӯи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои баррасӣ ва муҳокима пешниҳод гардидааст.

Муҳокима оғоз гардид, дар рафти муҳокима сарходими илмӣ д.и.ҳ., профессор Шарофзода Р.Ш. қайд кард, ки диссертатсия ба талаботи қоидаҳои навишти рисола, ки муқарар карда шудааст дуруст буда, бояд мавзӯи он ва объект дуруст муқарар гардида, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда ислоҳ карда шавад. Аз ҷумла рӯйхати адабиётҳо бо тариқи алфавитӣт зикр гардида, аз захираҳои электронӣ истифода бурда шавад ва пешниҳод намуд, ки

диссертатсияи Ҳасанова Шаҳноза барои дарёфт дараҷаи илмии доктори (PhD) дар мавзӯи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» ҷиҳати ба Шӯрои илмӣ пешниҳод намудан, дастгирӣ карда шавад

Профессор Холиқзода А.А. изҳори ақида намуд, ки баъди муҳокимаи қаблӣ, маълум шуд, ки камбудиҳои зикргардида моҳиятан ислоҳ шуда, гуфтаҳои профессор Шарофзода Р.Ш. низ бояд ба назар гирифта шаванд ва пешниҳод кард, ки рисолаи докторанти (PhD) шуъба Ҳасанова Шаҳноза ба як ихтисос барои муҳокима ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ходимони илмӣ н.и.ҳ. Қодирзода Т.Қ., ходими калони илмӣ д.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Ш. баромад намуда, қайд карданд, ки муалифи рисола Ҳасанова Шаҳноза аз дастовардҳои навини илми назариявии давлат ва ҳуқуқ истифода карда, рисоларо такмил додааст ва ба шӯрои диссертатсионӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Роҳбари илмии докторанти PhD Ҳасанова Шаҳноза доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент Нематов А.Р. баромад намуда, нисбати ходимони илмии шуъба изҳори минатдорӣ карда, иброз намуд, ки гуфтаҳои профессор Шарофзода Р.Ш. ба назар гирифта, онҳо ба иҷро расонида мешаванд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ҷаласаи ходимони шуъба,

**қарор кард:**

**4.** Рисолаи докторанти PhD Ҳасанова Шаҳноза Музафаровна таҳти унвони «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фал

сафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Мудири шуъба Бобоҷонзода И.Ҳ.

Котиб Нуриева В.М.